Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Буриев Акмал Рачабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои **танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи** қонунгузории **Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Мавзӯи рисола, накша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натичаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Сарватҳои зеризаминӣ яке аз боигарҳое мебошад, ки истифодаи оқилонаи он ба иқтисодиёт ва пешрафти давлату миллат аҳаммияти муҳим дорад. Дар ин ҷода маҳз механизми идоракунӣ ва танзими ҳуқуқии одилонаю оқилона метавонад нақши ҳалкунанда дошта бошад.

Муаллифи рисола мубрамияти мавзӯъро дуруст арзёбӣ карда чунин зикр менамояд: "Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конституцсия сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлат мебошад. Табиати ҳуқуқи мазкур баҳснок буда, ҷанбаи ҳуқуқии граждании он баъзан инкор мегардад. Ин ҳолат ба вазъи ҳуқуқии сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи граждани таъсир дошта, боиси номуайяниҳо ва баҳсҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, ки монеаи рушди қонунгузории соҳа ва амалия гардидааст.

Аз ин рӯ, яке аз бахшҳои муҳим ва мубрами масъалаҳои ҳалталаб вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи граждани ин муайян намудани табиати ҳуқуқи моликият ба сарватҳои зеризаминӣ ва имконияти татбиқи конструксияи институти ҳуқуқи моликият нисбат ба он мебошад. Муайян ва ҳал намудани он аҳаммияти калони назариявӣ ва амалиявӣ дошта, омили ҳалкунандаи рушди минбаъдаи қонунгузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ маҳсуб меёбад" (с.5).

Атрофи ҳамин масъала баъзе таҳқиқотҳо рӯйи кор омадаанд, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар тадқиқотҳо фарқ намуда, назари хоси эҷодиро ифода кардааст. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани як қатор холигиҳо ва пешниҳоди навигариҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ҳамин лиҳоз рисола дар шароити ҳозира ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Бинобар далелҳои зикршуда мубрамияти илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Буриев Акмал Рачабалиевич ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», кт бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию соҳибкорӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои

пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Сарватҳои зеризаминӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ – ин як қисми муҳити табиат буда, дар қабати замин ва дар зери объектҳои обӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, ки мавҷудияти дохилии онро, аз қабили обҳои зеризаминӣ ва фазои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок дар қабати замин ва объектҳои зериобии ба тартиб ва мақсади пешбинишудаи қонун истифодашаванда ва васеъшавии он то дастрас будан, тамоми намуди истифодабариро дар бар мегирад. Мафҳуми мазкур аҳаммияти умумиҳуқуқӣ дошта, барои ҳадафҳои танзими ҳуқуқии граждани низ мавриди корбурд қарор гирифта метавонад.

2. Танзими муносибатҳо вобаста ба сарватҳои зеризаминӣ дар маҷмуъ хусусияти комплексӣ дорад, зеро самтҳои алоҳидаи он аз тарафи соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ танзим карда мешаванд ва муносибатҳои ҳуқуқии граждани танҳо он қисмати муайяни ин муносибатҳоро танзим менамояд, ки ба доираи мавзуи танзими он шомил мешаванд. Ин муносибатҳо тамоми нишонаҳои муносибатҳои танзимкунандаи қонунгузории гражданиро доро мебошанд.

Хусусияти асосии танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар он зоҳир меёбад, ки он муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи мазкур ва муомилоти истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси шартнома мавриди танзим қарор медиҳад. Зимнан, вобаста ба хусусиятҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст, ки

сарватҳои зеризаминӣ объекти ҳуқуқи моликият буда, дар муомилоти граждани иштирок карда метавонанд.

3. Муаллиф асосноқ намудааст, ки меъёрҳои мавҷудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба талаботи муомилоти муосири граждани ҷавобгӯ набуда, бинобар хусусиятҳои хоси танзими ин муносибатҳо дар Тоҷикистон (ҳуқуқи моликияти истисноии давлат ба сарватҳои зеризаминӣ) дар амалия номуайянӣ ҷой дошта, механизмҳои шартномавӣ ба пуррагӣ амалӣ нагардида истодаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994, №983 ниёз ба такмили ҷиддӣ дошта, дар қисмати пурзӯр намудани меъёрҳои ҳуқуқии граждани вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ он бояд коркард карда шавад.

4. Метавон инкишофи қонунгузорӣ оид ба шартномаи консессионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду марҳила таснифбандӣ намуд.

1) марҳилаи якум аз соли 1997 оғоз мегардад, зеро бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 «Дар бораи консессияҳо» қабул карда шудааст. Қонун принсипҳои асосии амалӣ гардонидани фаъолияти хоҷагидории консессиониро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва муносибатҳои ҳуқуқи, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои вобаста ба фаъолияти мазкурро муайян намуд; 2) марҳилаи дуюм аз соли 2011 то имрӯз. Дар марҳилаи мазкур бо дарназардошти муносибатҳои нави шартномаи консессионӣ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав «Дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, №783 қабул гардид, ки дар рушди соҳа муносибатҳои навро ба миён овард. Қонуни мазкур муносибатҳои вобаста ба консессияро танзим намуда, салоҳияти мақомоти давлатӣ, шарт ва тартиби ба консессия додани объектҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои консессиядор, иҷро ва муҳлати шартномаи консессия, инчунин кафолати дастгирии фаъолияти консессиониро муайян намудааст.

5. Қобили зикр аст, ки тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза шартномаи консессионӣ яке аз шаклҳои ояндадори баланд бардоштани самаранокии истифодаи моликияти давлатӣ мебошанд. Аз ин ҷост, ки шартномаи консессионӣ дар аксарияти мамлакатҳо ҳамчун механизми самарабахши шартномавии истифодаи моликияти давлатӣ эътироф карда мешавад ва дар қонунгузории миллиашон институти ҳуқуқии шартномаи консессия ташаккул ёфтааст.

Шартномаи консессия шакли алтернативии мутаносиби муносибатҳои байни давлат ва сармоягузори хусусӣ мебошад. Давлат дар ин маврид маблағгузории бавоситаи максадноки объектҳои мушаххасро, ки соҳиби онҳо боқӣ мемонад, таъмин менамояд ва сармоягузор бошад бо давлат муносибатҳои шартномавӣ баста, ба худ кафолату шароитҳои хоси муомилоти гражданиро таъмин менамояд.

6. Бо дарназардошти адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ метавон хулоса намуд, ки моҳияти консессия ҳамчун падидаи ҳуқуқи граждани дар истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар он ифода мегардад, ки дар асоси шартномаи консессия бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектхои моликияти давлатӣ ва ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда баргардонидани онҳо ба давлат нигаронида шудааст.

Вобаста ба ин ҳолат чунин хусусиятҳои хоси падидаи консессия пешниҳод карда мешавад: консессия (иҷозат, гузашт) дар асоси шартномаи консессия амалӣ карда мешавад; дар асоси он пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии самараноки муваққатӣ ба консессиядор супоридани объектҳои моликияти давлатӣ сурат мегирад; объектҳои консессия аз ҷумла: замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳаво, олами набототу ҳайвонот, дигар моликияти давлатӣ ва боигарии табиӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст дохил мешавад; ҳуқуқи бунёди (сохтмони) иншооти нав аз ҳисоби консессиядор бо шарти дар оянда

баргардонидани онҳо ба давлат анҷом дода мешавад; тартиб ва шартҳои гузаронидани озмун дар хусуси ба консессия пешниҳод намудани объект афзалият дорад; номгӯи объектҳое, ки ба консессия дода намешаванд ё ба консессия додани онҳо маҳдудиятро қонунгузорӣ муқаррар мекунад.

7. Шартномаи консессионӣ ба гурӯҳи шартномаҳое дохил мешавад, ки дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим нашуда, нисбатан институти нав дар анъанаи танзими муносибатҳои шартномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур мавриди баҳс қарор дошта, ақидаи ягона вобаста ба он ҷой надорад. Муаллиф асоснок кардааст, ки шартномаи консессионӣ табиати ҳуқуқии граждани дошта, ақидаҳо оид ба табиати маъмурии ҳуқуқӣ ва ё омехтаи он беасос мебошанд. Мавҷудияти меъёрҳои оммавӣ дар танзими муносибатҳо вобаста ба консессия ба табиати ҳуқуқии граждании он таъсир намерасонад.

8. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ табиати ҳуқуқи граждании созишнома оид ба тақсими маҳсулот муайян гардида, таклиф шудааст, ки бояд табиати созишнома оид ба тақсими маҳсулот аз реҷаи созишнома оид ба тақсими маҳсулот фарқ карда шавад. Дар мавриди якум сухан дар бораи табиати ҳуқуқии граждании созишномаи мазкур меравад, дар мавриди дуюм хусусияти оммавӣ-ҳуқуқии он зоҳир мегардад. Зиёд будани меъёрҳои императивӣ аз реҷаи ин созишнома вобаста буда, мавҷудияти меъёрҳои оммавӣ дар танзими муносибатҳои мазкур ба табиати ҳуқуқии граждании он таъсир намерасонад.

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» аз 26 декабри соли 2011, №783 масъалаҳои марбут ба имзо, иҷро ва қатъ кардани шартномаҳои консессиониро танзим намуда, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба консессияҳо пешбинӣ кардааст. Дар

доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ исбот шудааст, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур бозбиниро талаб мекунад. Дар мамлакатҳои ҳуқуқи классикии консессионӣ (масалан, дар Фаронса) тамоюли дуршавӣ аз шартҳои вазнини маъмурию шартномавии консессионӣ ба сӯйи таҳвият додани ҳуқуқи хусусӣ дар шартномаи консессионӣ мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ, барои таҳким бахшидани усули муосири танзим тариқи шартномаҳои консессионӣ, пешниҳод карда мегардад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» танзими муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо бо меъёрҳои қонунгузории гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ ва усули танзими ҳуқуқии граждани мустаҳкам карда шавад. Муаллиф исбот кардааст, ки имкониятҳои шартномаҳои консессионӣ дар танзими муносибатҳо вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бештар буда, бинобар дуруст ба роҳ монда нашудани он аз институтҳои дигар васеъ истифода мешавад. Яке аз сабабҳои дар амалияи Тоҷикистон рушд накардани институти шартномаҳои консессионӣ маҳз дар ҳамин ифода меёбад.

2. Номгӯйи объектҳои консессионӣ дар қонун пурра танзим нашуда, дар сатҳи санадҳои зерқонунӣ маҳдудият вобаста ба он пешбинӣ карда шудааст. Бо мақсади эътимод, устувории муомилоти граждани ва ҳавасмандгардонии рушди институти шартномаҳои консессионӣ муаллиф пешниҳод дорад, ки номгӯйи мазкур дар сатҳи қонун танзим карда шавад.

3. Муаллиф асосноқ кардааст, ки канданиҳои фоиданоки умумӣ ва дигар объектҳои алоҳидаи табиӣ объекти иҷора буда наметавонанд. Бо такя ба ин ақида, пешниҳод карда шудааст, ки ба м. 626 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид гардида, он объектҳое, ки хусусияти худро ҳангоми иҷора гум мекунанд ва ба қоидаҳои умумии шартномаи иҷора созгор нестанд, номбар карда шаванд ва манъ будани ба иҷора додани онҳо мукаррар гардад. Мувофиқан аз моддаи номбурда имконияти ба иҷора додани канданиҳои фоиданоки умумӣ ва дигар

объектҳои алоҳидаи табиӣ хорич карда шавад. Аз ин рӯ, истифодаи муваққатии муздноки сарватҳои зеризаминӣ бояд ба шартномаҳои дигари ҳуқуқии граждани ба танзим дароварда шаванд.

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диккат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон мукаррароти илмии №7 ва пешинҳодҳои амалии №3, ки барои такмили қонунгузорӣ манзур шудаанд баҳснок мебошанд, ки мо дар бораи онҳо дар охири такриз андешаҳоро мухтасар баён хохем кард.

Асосноки ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд. Мукаррароти илмии диссертатсия ва натичаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натичаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хоричӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии натичаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои ҳуқуқии

истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории граждани ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар чараёни таълими фанҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи граждани, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани речаи ҳуқуқии истифодаи сарватҳои зеризаминӣ равона шуда, аҳамияти онро дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мустаҳкам менамояд.

Чоп намудани таълифоти натичаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ. Рисоланавис вобаста ба рисола 7 маколаи илмӣ нашр намудааст, 6 – тои он дар мачаллаҳои пешбари тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натичаҳои таҳқиқоти диссертатсия интишор шудаанд. Хулоса, натича ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Нуктаҳои асосӣ, натичаҳо ва хулосаи диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, якчанд маротиба мавриди муҳокима қарор гирифтааст ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Натичаҳо зина ба зина дар рафти таҳқиқи масъалаҳои гузошташуда дар давоми солҳои 2017-2022 ба тасвиб расидаанд.

Натичаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии зерин дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд: «Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқи миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маъруза дар мавзуи

«Мафҳум ва хусусиятҳои сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи граждани» (Душанбе, 30 октябри соли 2019); «Нақши санадҳои байналмилалӣ дар таҳкими ҳуқуқи инсон» – маъруза дар мавзуи «Таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» (Душанбе, 8 декабри соли 2017); «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи граждани дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Нақши қонунгузории граждани дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» (Душанбе, 8 июни соли 2019); «Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» – маъруза дар мавзуи «Асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» (Душанбе, 22 апрели соли 2019); «Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба ҷашнҳои 30-солагии Истиклоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ-дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза дар мавзуи «Ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сарватҳои зеризаминӣ» (Душанбе, 22 апрели соли 2021); «Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди саноат (солҳои 2022-2026)» ва «Бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ» – маъруза дар мавзуи «Мафҳум, хусусият ва таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» (Душанбе, 23 апрели соли 2022).

Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия. Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, мухтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои

мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 2 боб, 5 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба максад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 165 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **мукаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Боби якум - зери номи «Асосҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ" фарогири масъалаҳои зерин мебошад: нақши қонунгузорӣ гражданӣ дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; мафҳум ва хусусиятҳои сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сарватҳои зеризаминӣ.

Дар боби мазкур муаллиф санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба танзими муносибатҳои граждание, ки ҳангоми истифодаи сарватҳои зеризаминӣ пайдо мешаванд муфассал таҳлил намудааст.

Боби дуюм - «Шартнома ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ" масъалаҳои зеринро фаро гирифтааст: мафҳум, хусусият ва таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ; шартномаи консессионӣ ва дигар шартномаҳо дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ.

Муаллиф дар ин боб низоми шартномаҳои истифодашавандаро дар танзими муносибатҳои марбут ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ таҳлил кардааст. Ӯ дар танзими ин масъалаҳо нақши шартномаро хеле муҳим арзёбӣ карда, натиҷаҳои иқтисодиро ҳам ба он рабт медиҳад.

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф **хулосаи** рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як

боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола **автореферат**ро тибқи талаботи мукарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

Эродҳо ба диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

№1. Муаллиф дар навгонии №7 чунин баён менамояд: "Шартномаи консессионӣ ба гурӯҳи шартномаҳое дохил мешавад, ки дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим нашуда, нисбатан институти нав дар анъанаи танзими муносибатҳои шартномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур мавриди баҳс қарор дошта, ақидаи ягона вобаста ба он ҷой надорад. Муаллиф асоснок кардааст, ки шартномаи консессионӣ табиати ҳуқуқии граждани дошта, ақидаҳо оид ба табиати маъмурии ҳуқуқӣ ва ё омехтаи он беасос мебошанд. Мавҷудияти меъёрҳои оммавӣ дар танзими муносибатҳо вобаста ба консессия ба табиати ҳуқуқии граждании он таъсир намерасонад".

Ба ақидаи мо дар шартномаи консессионӣ таъсири ҳам меъёрҳои оммавӣ ва ҳам меъёрҳои хусусӣ ногузир аст. Зеро объектҳое, ки тавассути ин шартнома ба муомилот бароварда мешаванд, реҷаи махсуси ҳуқуқӣ доранд. Масалан, "ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин"- ро мо объекти ҳуқуқи граждани эътироф менамоем, аммо механзими дар муомилоти граждани қарор додани он то ҳол комил нест. Зеро он аз меъёрҳои оммавӣ вобастагӣ дорад.

№2. Муаллиф бобати мукаммал гардонидани қонунгузорӣ чунин таклиф пешниҳод кардааст " канданиҳои фоиданоки умумӣ ва дигар объектҳои алоҳидаи табиӣ объекти иҷора буда наметавонанд. Бо такя ба ин ақида, пешниҳод карда шудааст, ки ба м. 626 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид гардида, он объектҳое, ки

хусусияти худро ҳангоми иҷора гум мекунанд ва ба қоидаҳои умумии шартномаи иҷора созгор нестанд, номбар карда шаванд ва манъ будани ба иҷора додани онҳо муқаррар гардад. Мувофикан аз моддаи номбурда имконияти ба иҷора додани канданиҳои фоиданоки умумӣ ва дигар объектҳои алоҳидаи табиӣ хориҷ карда шавад. Аз ин рӯ, истифодаи муваққатии муздноки сарватҳои зеризаминӣ бояд ба шартномаҳои дигари ҳуқуқии граждани ба танзим дароварда шаванд".

Ба назари мо масъалаи муайян кардани номгӯи мушаххаси объектҳое, ки ба иҷора дода намешаванд, ғайриимкон аст. Одатан дар қонунгузорӣ нишонаҳо ва хусусиятҳои чунин объектҳоро номбар менамояд. Мутаассифона дар матни рисола ба такмили моддаи 626 КГ ҶТ аҳамият дода нашудааст.

№3. Муаллиф дар саҳифаҳои 89-90 рисола зикр мекунад, ки дар к. 1, м. 241 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли зерин илова ворид карда шавад: «г) сервитутут ба молу мулки ғайриманқул;».

Банди г) моддаи 241 КГ ҶТ "дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ"-ро ифода намудааст. Дар воқеъ сервитуи молу мулки ғайриманқул яке аз ҳуқуқҳои молумулкии шахсе, ки молик намебошад, ба ҳисоб меравад, аммо он нисбати "дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ" маҳдуд аст ва онро иваз карда наметавонад. Барои ҳамин ҳам дар баробари илова шудани "сервитуи молу мулки ғайриманқул" ба м. 241 КГ ҶТ ибораи "дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ" набояд аз моддаи 241 КГ ҶТ хориҷ карда шавад.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф марокангез буда, метавонанд диққати муҳаккиқонро ба худ ҷалб намояд.

Қисмати хотимавии тақриз – хулоса. Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи

ҳуқуқтатбиқнамой таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Буриев Акмал Раҷабалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

Профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ **У. А. Меликов**

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½ ,
Тел.: 917448535
Почтаи электронӣ: m.umrillo@gmail.com

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон С.С. Пирзода